Такриз

ба фишурдаи диссертатсия Робияи Абдусамад дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.

Калима ва истилоҳ дар таркиби луғавии ҳар як забон ҷойгоҳи густурдаеро касб намуда, дорои як қатор вижагиҳои фарққунандаи корбурдӣ, генетикӣ-таркибӣ, луғавӣ-маъноӣ ва сарфӣ мебошад. Яке аз аломатҳо ва унсурҳои хосӣ истилоҳот ин ташкили сохти он ба шумор меравад, ки таҳлилу баррасии махсусро талаб менамояд.

Дар замони муосир бо туфайли пешрафти илму техника ҳар як соҳаи мушаххаси ҷомеа барои ифодаи мафҳум ва техникаву технологияи муосир ба номгӯйи нав ниёз дошта, тавассути унсурҳои забон номгӯзорӣ менаванд.

Пас аз ба даст овардани истиқлолияти миллӣ дар таркиби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ як қатор калимоте ба вуҷуд омаданд, ки корбурди онҳо танҳо дар ин ё он соҳаи илм рост меояд. Китобдорӣ низ ҳамчун як ҷузъи фарҳанг аз маҷмуи вожаву истилоҳоти ба худ хос иборат буда, он имрӯзҳо ба мутахассисони аҳли каломи бадеъ ва ба тамоми хаводорони ин риштаи илму адаб хидмати босазоеро хоҳад кард.

Бояд гуфт, ки муқоисаи истилоҳоти китобдории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз масъалаҳои муҳими таҳқиқ дар бахши забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ ба шумор меравад. Ҳамин тавр, диссертатсияи номзадии Робияи Абдусамад дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» таҳқиқоти саривақтӣ буда, муаллиф дар он ҷанбаҳои норавшани мавзуро ба мабнои усули муқоиса мавриди баррасӣ қарор додааст.

Аз ин рӯ, муҳаққиқ диссертатсияро аз мубрамияти мавзуъ ва то ҳол таҳқиқ нагардидани муқоисаи истилоҳоти китобдорӣ оғоз намуда, таъкид бар он мекунад, ки мавзуи зикргардида аз ҷониби китобхонашиносон ва китобдорони маъруфи тоҷик кайҳо боз дар шакли вожаномаву фарҳангнома пажуҳиш гардида, то ин замон ба таҳқиқи муқоисавии он ба забони англисӣ диссертатсияе таълиф нагардидааст ва пажуҳиши мазкурро метавон нахустаҳқиқ ҳисобид.

Диссертатсияи номзадии Робияи Абдусамад дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, аз муқаддима, се боб, 14 фасл, хулосаву феҳристи адабиёт ва замима иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия муаллиф хонандаро ба мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методи таҳқиқ, навгониҳои илмии рисола, аҳамияти назариявии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, нуктаҳои муҳими диссертатсия, коркар ва натиҷаҳои таҳқиқот ошно месозад.

Дар боби якуми диссертатсия **«Заминаҳои назариявии таҳқиқи истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои муқоисашаванда»** масъалаҳое ба монанди мафҳуми истилоҳ, таърихи таҳқиқоти он, сарчашмаҳои ташаккулёбии истилоҳоти китобдории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, назари мутафаккирону донишмандони асрҳои миёна пиромуни истилоҳоти китобдории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Боби мазкур аз чор фасл иборат аст.

Фасли якум – **“Мафҳуми истилоҳ ва таърихи таҳқиқоти он”** ном дошта, муҳаққиқ моро бо шарҳи истилоҳ ва таърихи таҳқиқоти он дар забоншиносии тоҷик ва англис ошно сохта, таъкид бар он мекунад, ки фикру андешаҳои эшон пиромуни таърифи истилоҳ якранг нест. Боиси хурсандӣ ҳам аст, ки муаллифи диссертатсия дар баъзе лаҳзаҳо ба фикру андешаи худ устувор монда, назари мушаххаси худро роҷеъ ба истилоҳ баён месозад.

Яке аз вижагиҳои фарқкунандаи диссертатсия мазукр аз таҳқиқотҳои қаблии дар риштаи муқоисавӣ таълифёфта дар он аст, ки муҳаққиқ истилоҳоти ҷамъовардаи худро вобаста ба кадом забон мансубият доштанашон ба риштаи таҳқиқ кашида, онҳоро ба тариқи ҷадвал ҳамчун маълумоти оморӣ овардааст.

Дар фаслҳои минбаъдаи боби мазкур муаллифи диссертатсия зарурати таҳқиқи мавзуи зикргардидаро баён менамояд. Ба қавли муаллиф, сарчашмаҳои ташаккули истилоҳоти китобдории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ маҳз асарҳои тадвиннамудаи мутафаккирони тоҷику форс ва англиси даврai асримиёнагӣ маҳсуб меёбанд.

Боби дуюми диссертатсия **“Таҳлили сохтории истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** унвон дошта, дар он ҳар як истилоҳ аз нигоҳи сохтору таркиб мавриди баррасии муфассал қарор мегирад. Муаллифи диссертатсия ҳамаи истилоҳоти ҷамъовари намудаашро гурӯҳбандӣ карда, хар яки онҳоро дар қолаби вожасозӣ таҳлил мекунад, ки ин тарзи пажӯҳиш арзиши илмии диссертатсияро хеле баланд намудааст.

Дар боби сеюм – **“Таҳлили маъноии истилоҳоти киторбдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** истилоҳоти бахши мазкур аз лиҳози маъно баррасӣ мешаванд. Дар ин қисмати диссертация падидаҳои сермаъношавӣ, ҳамгуншавӣ, муродифшавӣ ва тазодшавӣ дар таркиби истилоҳоти китобдории забонҳои зикргардида мавриди таҳқиқ қарор гирифта, муаллиф фикру андешаҳои хешро дар ин маврид бо мисолҳои муътамад асоснок намудааст. Дар баробари ин масъалаи иқтибосшавӣ ва мансубияти истилоҳот ба ин ё он ҳиссаи нутқ низ дар боби мазкур аз тарафи муаллиф мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Ҳар як боби диссертатсия бо хулосаҳои мушаххаси муҳаққиқ ба охир расидаанд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки проблемаҳои дар диссертатсия матраҳ гардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад муҳаққиқ натиҷаҳои таҳқиқоти худро ҷамъбаст кардааст, ки он аз аҳамияти назарӣ ва амалӣ холӣ нест.

Диссертатсияи илмии Робияи Абдусамад дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибосоварӣ, таҳияи бобу фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи стандартҳои муосири таҳияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Тамоми мақолаҳои нашрнамудаи муаллифи диссертатсия муҳтавои диссертатсияро инъикос менамояд. Диссертатсияи мазкур барои хондани курси “Типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикива англисӣ”, “Луғатшиносӣ”, “Китобхонашиносӣ” метавонад мусоидат намояд.

Дар баробари дастовардҳои муҳим фишурдаи диссертатсия аз камбудиҳо ва норасоиҳо низ орӣ нест:

1. Муаллиф дар диссертатсия иқтибосоти зиёдеро ҷой додааст, агар хуб мешуд ӯ назари танқидии худро дар мариди баъзе масъалаҳои бахсангез баён менамуд.

2. Дар баъзе саҳифаҳои фишурдаи диссертатсия (13, 15) ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасад.

Дар маҷмуъ камбудиҳои ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

Фишурдаи диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос намуада, мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Робияи Абдусамад сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Муқарриз:
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарова Р.Б.

Имзои Сафарова Рухшонаро тасдиқ мекунам
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов. Ш. Б

Нишонӣ: ш.Душанбе, кучаи Саид Носир 33
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: 934440486
E-mail: Raksana@list.ru .

5.06.23